«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ
Шоҳтемур, д.и.к., узви вобастаи АИКТ,
профессор __________ Маҳмадёрзода У.М.
“ 14 ” __________ с. 2023

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз суратҷаласаи № 08 аз 03.04.2023 васеи кафедраи зотпарварӣ ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзии факултети зооинженерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар ҳамкорӣ бо олимони кафедраҳои зоотехнияи хусусӣ, технологияи истеҳсол ва хӯронидани чорво, физиологияи ҳайвоноти кишоварзӣ.

Кори диссертатсионии Ҷамшедзода Х.Ҷ. дар мавзуи **«Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ»** дар кафедраи зотпарварӣ ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ ба анҷом расонида шудааст. Мавзӯи рисола аз 30.01.2011 № 04 дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҳимов Ш.Т. – доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири озмоишгоҳи биотехнологияи инноватсионии Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорвои Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ.

Имтиҳонҳои минумуми санаи 16.05.2020 аз фанҳои таърих ва фалсафа, 16.06.2020 забони англисӣ супорида шудааст.

**Дар охири муҳокимаи ҷаласа чунин хулоса бароварда шуд:**
Дар давраи тайёр намудани диссертатсия, солҳои 2010-2016 Ҷамшедзода Х.Ҷ. ба ҳайси аспирант, ассистент, директори Маркази ҷумҳуриявии биотехно-логияи чорвои Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва айни ҳол муовини ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба иқтисодиёт ва хоҷагидорӣ фаъолият дорад.

**Иштироки шахсии муаллиф дар азхудкунии натиҷаҳои кори илмӣ.** Ҷамшедзода Х.Ҷ. зиёда аз 7 сол таҷрибаҳои илмӣ-хоҷагӣ, озмоишӣ ва истеҳсолиро гузаронида натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овардааст. Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ маълум гардид, ки маҳсулнокӣ гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар натиҷаи ҷуфтикунонии байниавлодӣ хуб гашта фарқияти мусбӣ дорад.

Кори диссертатсионӣ дар навбати худ кори илмии ба охиррасида мебошад, ки ҳамаи натиҷаҳои бадастовардашуда шахсан ба худи муаллиф таалуқ доранд ё ҳангоми иштироки бевоситаи худи муаллиф ба даст оварда шудаанд.

**Аҳамият ва мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Гӯсфандпарварӣ аз ҷиҳати аҳамияташ дар соҳаҳои чорводории Тоҷикистон мавқеи дуюмро ишғол намуда, дар таъмин намудани аҳолии мамлакат бо маҳсулоти ғизоӣ (гӯшт ва равған) нақши калонро мебозад.

Бояд қайд намуд, ки низоми қабулгардидаи парвариш- нигоҳубини солонаи чарогоҳии гӯсфандон дар Тоҷикистон бо назардошти алафзору марғзори ҳосилнокиаш баланди чарогоҳ  имкон медиҳад, ки маҳсулоти нисбатан арзонро ба даст овард. Ҳамзамон аз ҷониби гӯсфандон ба таври самаранок истифода гардидани чарогоҳҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ имкон медиҳад, ки аз онҳо гӯшти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва равғани думба, ки ҳамчун маводи шифоӣ дар тибби халқии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ истифода бурда мешавад, ба даст оварда шавад.

Талаботи мавҷудаи аҳолӣ нисбат ба маҳсулоти гӯсфандпарварӣ ба таври қатъӣ муносибати фермеронро нисбат ба парвариши ин ё он зот ба куллӣ тағйир дод. Ин дар он инъикос мегардад, ки бештари онҳо бо сабаби доштани вазни зиёд ва мутаносибан баромади баланди маҳсулоти гӯшту чарбӯ ба парвариши гӯсфандони зоти ҳисорӣ мароқ зоҳир менамоянд. Дар мамлакат мавҷуд набудани саноати коркарди пашм водор намуд, ки парвариши зотҳои серпашми гӯсфандонро ба мақоми дуюмдараҷа фарояд. Ин махсусан ба зоти сергӯшту серавған ва серпашми тоҷикӣ, ки шумораи умумиашон хеле кам шудааст ва дар айни замон наздикии 3000 сарро ташкил менамояд, таалуқ дорад. Ҳамин гуна ихтисоршавӣ, аммо ба қадри камтар дар байни зоти гӯсфандони маҳинпашми тоҷикӣ низ ба мушоҳида мерасад.

Вазъияти мураккаби бааммаломада тарҳрезии низоми оқилонаи ҳифзнамоӣ ва истифодаи захираҳои ирсии зотҳои гӯсфандони дар ҷумҳурӣ парваришёбандаро бо назардошти он, ки эҳтимол ин зотҳо дар оянда барои фермерҳо ва чорводорон вазифаи парвариши зотҳои гӯсфандони маҳсулнокиашон маҷмӯӣ ва серпашм мегузорад, нақши муҳимеро мебозад. Ҳамчунин ин иқдом барои парвариши ҳайвоноте, ки ба шароити тағйирёбанда, иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ, инчунин тағйироти имконпазири иқлим рӯ ба рӯ мешаванд, мусоидат менамояд.

Маълум аст, ки иҷрои корҳои селексионию зотпарварӣ бо зотҳои саршумораш кам боз ҳам мураккабтар мегардад, вақте ки шумораи ҳайвонот то он сатҳе, ки интихоб ва хостагирии муносиб мушкил мегардад, кам мешавад. Дар ин ҳолатҳо ба селексионер лозим меояд, ки

ҷуфтикунонии хешутаборӣ, гоҳе ҷуфтикунонии ниҳоят наздики ҷуфтҳои волидайнии ҳайвонотро истифода намояд.

Бо ҳамин мақсад, мо чунин мешуморем, ки мукаммалгардонии минбаъдаи сифатҳои маҳсулнокии зоти гӯсфандони сергӯшту серпашм ва серравағани тоҷикӣ, ҳифзнамоӣ ва афзун намудани шумораи онҳо ба амалӣ гардидани корҳо дар ҳудуди ҷуфтикунонии дохилизотӣ бо назардошти гуногуннамудии сохтори ирсии ин зот вобастагии зич дорад. Масоили мазкур муҳиммияти бурдани кори таҳқиқотиро дар ин самт муайян намуд.

**Мақсади таҳқиқот** - баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо роҳи амалӣ сохтани селексияи дохилизотӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

-муайян намудани ҳолати муосири сохтори генеалогии зот;

-интихоб ва хостагирии ҷуфтҳои волидайни аз рӯи авлодҳо;

-омӯзиши расиш ва инкишофи ҷавонаҳои аз вариантҳои гуногуни интихоб ба даст овардашуда;

-муайян намудани маҳсулнокии гӯштӣ ва пашмии наслҳо;

- усулҳои зиёд гардонидани саршумори зот истифода бо усули ҷуфтикунониидохилизотӣ аз рӯи авлодҳо;

- муайян намудани самаранокии иқтисодии вариантҳои гуногуни таҳқиқот.

**Навгонии илмӣ.** Мукаммалсозии минбаъдаи маҳсулнокӣ ва сифатҳои зотии ҳайвоноти шумораашон начандон зиёд тарҳрезӣ намудани усулҳои селексияи дохилизотиро талаб менамояд. Бинобар ин, навгонии илмии таҳқиқоти мазкур ба омӯзиши афзоиши рушд ва инкишофи гӯсфандони зоти сергӯшту серравған ва серпашми тоҷикӣ дар давраи онтогенез дар асоси интихоб ва хостагирии дохилизотӣ аз рӯи сохторҳои мавҷудаи генеалогии дар дохили зот тарҳрезӣ карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда аз ҷиҳати назариявӣ донишҳои илмии усулҳои мукаммалсозии дохилизотии зотҳои камшумор ва нестшудаистодаи ҳайвонотро бой гардонида, аз ҷиҳати амалӣ бошад, баланд бардоштани маҳсулнокӣ, ҳифзнамоии гуногуннамудии генеалогии ва зиёд гардонидани саршумори зоти гӯсфандони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон парвариш-ёбандаро, таъмин месозад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқотҳои гузаронидашуда тибқи мавзӯи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур РҚД 0116TJ00549 дар давраи солҳои 2010-2016 гузаронида шудааст.

**Нуқтаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд:**

1.Гуногуннамудии сохтори генеологии гӯсфандони зоти тоҷикӣ;

2.Баланд бардоштани маҳсулнокии онҳо бо усули интихоб ва хостагирии дохилизотӣ;

3.Омӯзиши маҳсулнокии гӯштии гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва дурагаҳои он;

4.Муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши гӯсфадони зоти тоҷикӣ.

**Тасвиби таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар:

- ҷаласаҳои ҳарсолаи кормандони кафедраи зотпарварӣ ва генетикаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, шуъбаи селексия ва технологияи гӯсфандпарварӣ ва бузпарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (солҳои 2010-2016);

- дар ҷаласаи васеи кафедраи зотпарварӣ ва генетикаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур бо фаро гирифтани олимони дигар кафедраҳо (соли 2023) ба таври маъруза гузориш дода шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯйи маводи диссертатсия 7 мақолаҳои илмӣ нашр ва аз он аз ҷумла 3 мақолаҳои илмӣ дар маҷал-лаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудааст.

Интишори мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда

[1-М] **Абдураҳимов Х.Ҷ.** Таъсири шароити нигоҳубин ва хӯронидан ба маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва дурагаҳои он/Абдураҳимов Х.Ҷ//Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон – 2020, № 4 (66). С. 53-55.

[2-М] **Абдураҳимов Х.Ҷ.** Усулҳои дохилизотии мукаммалгардонии маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ/Абдураҳимов Х.Ҷ// Кишоварз.- 2020, № 4 (89). С. 83-85.

[3-М] **Абдураҳимов Х.Ҷ.** Инкишофи индивидуалии гӯсфандони зоти тоҷикӣ вобаста аз авлодҳои мавҷуда/Абдураҳимов Х.Ҷ.// Кишоварз, - 2021, № 4 (93). С. 74-77.

Интишори мақолаҳо дар маҷмуаҳои маводи конференсияҳо

[4-М] **Абдураҳимов Х.Ҷ.** Маҳсулоти гӯштии қӯчқорҳои зоти тоҷикӣ ва дурагаҳои он. /Абдураҳимов Х.Ҷ., Раҳимов Ш.Т., Раҷабов Н.А.// Маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шохтемур дар мавзуи" Рушди инноватсионии соҳаи чорводорӣ ва нақши он дар таъмини амнияти озуқаворӣ". Душанбе 2021, -С. 126-128.

**[5-М] Абдураҳимов Х.Ҷ.** Ҳолати муосири зоти гӯсфандони сергӯшту серравған ва серпашми тоҷикӣ/Абдураҳимов Х.Ҷ., Раҳимов Ш.Т., Қосимов Р.Б. // Конференсияи байналмилалии илмию-амалии Инстиути чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ "Ҳолат ва дурнамои мукаммалгардонии хусусиятҳои ирсию маҳсулнокии гӯсфандони зотҳои думбадор", Душанбе 2021, -С. 206-209.

**[6-М] Абдураҳимов Х.Ҷ.** Маҳсулнокии пашмии гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз рӯйи авлодҳо /Абдураҳимов Х.Ҷ., Раҳимов Ш.Т., Раҷабов Н.А.//Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи илмӣ амалии байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шохтемур дар мавзуи" Технологияи инноватсионии истеҳсол, коркарди маҳсуло ти чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ дар ҶТ". Душанбе 2022, -С. 112-114.

**[7-М] Абдураҳимов Х.Ҷ.** Использование гиссарской породы при создание таджикской мясо-сально-шерстной породы овец: современная ее характеристика/Рахимов Ш. Т., Ҷамшедзода Х., Раджабов Н.А. // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ "Дастовардҳои селексионӣ оид ба такмили гӯсфанди зоти ҳисорӣ ва нақши он дар офаридани зоту типҳои нав". Душанбе, 2023, -С. 42-52.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ.** Асосноккунии назариявии самти интихобгардидаи таҳқиқот, ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ-хоҷагидорӣ оид ба омӯзиши самаранокии мукаммалгардонии дохилизотии сифатҳои зотӣ ва махсулнокии гӯсфандони зоти сергӯшту серравған ва серпашми тоҷикӣ аз рӯи авлодҳои мавҷуда, коркард ва пешниҳод намудани маълумотҳои бадастовардашудаи таҷрибавӣ, тасвиб ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот шахсан аз ҷониби худи муаллиф иҷро карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 139 саҳифаи матни чопи компютерӣ омода карда шуда, аз муқаддима, тафсири адабиёт, мавод ва усулҳои таҳқиқот, муҳокимаи натиҷаҳо ва тавсияҳои амалӣ, ҳамчунин феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 147номгӯйро дарбар мегирад, иборат аст. Диссертатсия 26 ҷадвал ва 11 расм дорад.

**Ҷавобгӯ будани диссертатсия ба ихтисос.** Диссертатсия дар заминаи феҳристи шиносномаи соҳаи кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси, аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, тайёр шудааст. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномa ихтисоси 06.02.07- зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мутобиқ аст: 3.1, 3.2, 3.3.

Пас  аз барасии диссертатсияи Ҷамшедзода Х.Ҷ. дар мавзӯи **«Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ»** ҷаласаи  васеи  кафедраи зотпарварӣ  ва гениетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ қарор мекунад.

1. Диссертатсияи Ҷамшедзода Х.Ҷ. дар мавзӯи **«Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ»** ба талаботи пешниҳодгардидаи диссертатсияи номзадӣ (Қарори КОА-и назди Президенти Тоҷикистон аз 20 июни 2018 таҳти №521) ва шиносномаи ихтисоси 06.02.07. - зотпарварӣ, селексия ва генетикаи хайвоноти кишоварзӣ ҷавобгӯ мебошад.
2. Аз ин лиҳоз диссетатсияро  барои ҳимояи  асосии дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ пешниҳод  карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи зотпарварӣ ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзии факултети зооинженерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Штриншоҳ Шотемур қабул шуд.

Дар ҷаласа иштирок намуданд: 23 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор – 23 нафар. Зид –нест, Бетараф –нест. Суратҷаласаи № 8 аз 14-уми апрели соли 2023.

Раиси ҷаласа, декани
факултети зооинженерӣ, н.и.к.  Ҷурабекзода  А. Ҷ

Котиби ҷаласа, н.и.к.  Даминова К.Х.

Имзои Ҷурабекзода  А.Ҷ. ва  Даминова  К.Х.  -ро  тасдиқ  менамоям:

Сардори  шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва  кадрҳо  Раҷабова Н.А.